# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991–2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст.**

Автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихнигории муосири тоҷик – омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Давраи мазкур бо таҳаввулоти куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тавсиф меёбад ва омӯзиши он, бахусус дар сатҳи минтақавӣ, то ҳол ба таври пурра ва ҳамаҷониба анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ аз ҷониби муаллиф мубрам ва аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошад.

Дар автореферат мубрамияти мавзуъ бо такя ба воқеаҳои муҳимми таърихӣ, аз ҷумла буҳрони сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои аввали истиқлолият, дуруст асоснок карда шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин равандҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ба минтақаи Кӯлоб таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Ҳамзамон, зарурати омӯзиши таҷрибаи таърихии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар замони соҳибистиқлолӣ бо истифода аз маводи оморӣ ва таҳлили илмӣ таъкид гардидааст.

Таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ собит месозад, ки гарчанде масъалаҳои алоҳидаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар осори муҳаққиқон инъикос ёфтаанд, аммо таҳқиқоти маҷмӯии фарогир оид ба минтақаи Кӯлоб дар солҳои 1991–2021 то ҳол анҷом дода нашудааст. Ин ҳолат навгонии илмии таҳқиқотро тақвият мебахшад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал кӯшиш намудааст равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар давраи истиқлолият дар асоси манбаъҳои гуногун, аз ҷумла маводи бойгонӣ, омор ва адабиёти илмӣ ба таври маҷмӯӣ таҳлил намояд. Дар натиҷа, ба як қатор равандҳои муҳими таърихӣ баҳои илмӣ дода шудааст.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот аз усулҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, хронологӣ, системавӣ ва дигар равишҳои илмӣ истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот

мусоидат менамояд. Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда мантиқан асоснок буда, мазмуни умумии таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани таърихнигории муосири тоҷик ва такмили таҳқиқоти минтақавӣ ифода меёбад. Аҳаммияти амалии он бошад дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маводи таълимӣ ва корҳои илмӣ зоҳир мегардад.

Автореферат дар маҷмӯъ мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, бо забони илмӣ ва услуби равон таҳия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз ҷумла 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991–2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

н.и.т., муаллими калони кафедраи
фанҳои гуманитарии ДДМИТ Ахмедов Ф.Ҳ

Дурустии имзои муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитариро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсат кадрҳо
ва корҳои махсус Мирҷамолов М. А.

8.04.2026